Такриз

ба автореферати Исматов Сулаймон Бобомуродович дар мавзуи "Методҳои инноватсионии таълими Алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим" аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот) (13.00.02.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ).

Замони муосир муносибати навинро ба раванди таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот талаб менамояд. Бинобар ин Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси нақшаи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли таҳсили 2015-2016 дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муносибати босалоҳият ба таълимро амалӣ менамояд, ки барои рушди ояндаи кишвар мусоидат менамояд. Барои гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим шароитҳои таълимиро таъмин кардан лозим меояд. Яке аз ин шароитҳо ин таълифи китобҳли дарсӣ ва маводҳои таълимии методӣ барои омӯзгорони фаннӣ мебошад.

Кори илмию таҳқиқотии Исматов Сулаймон Бобомуродович дар мавзуи «Методҳои инноватсионии таълими алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим» пешниҳодшуда масоили назариявии психологию педагогӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти таълими алифбои ниёгонро дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим дар назар дорад. Оид ба методологияи таълими алифбои ниёгон дар шароити Тоҷикистон то ҳол таҳқиқоти илмию методологӣ анҷом наёфтааст. Ин яке аз аввали кори таҳқиқотии илмию методии таълими фанни алифбои ниёгон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии таълимашон бо забони давлатӣ дар асоси муносибати басалоҳият ба таълим ба ҳисоб меравад. Мавзуи кори таҳқиқотӣ айни замон хеле актуалӣ мебошад.

Дар автореферати Исматов Сулаймон Бобомуродович дар мавзуи "Методҳои инноватсионии таълими Алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим" аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот) (13.00.02.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) аз рӯйи тартиб рисолаи илмӣ аз мукаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат буда, дар ҳаҷми 177 саҳифаро ташкил менамояд, дар 52 саҳифаи автореферат тибқи андозаи хат 9 таҳия шудааст. Матни автореферат бо забони тоҷикӣ ва русӣ оварда шудааст. Автореферат бо услуби илмӣ навишта шудааст. Матни бо забони русӣ низ хеле хуб тарҷума гардидааст. Дар матни автореферат бо

забони русӣ мазмуну мухтавои рисолаи илмиро пурра инъикос менамояд.

Истифодаи поварақ дар автореферат тибқи талабот риоя карда шудааст.

Мазмуну мухтавои диссертатсия дар автореферат нишон дода шудааст. Мукаддимаи кор: муҳимияти мавзуъ, максади таҳқиқот, макон, фарзия, вазифаҳои гузошташуда, дарёфти усулҳои таҳқиқ, татбиқи навгонихои илмиву методӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, ки сохтор ва мундаричаи диссертатсияро ташкил меномояд,

Дар боби якуми диссертатсия «Таърихи ташаккул ва рушди таълими алифбои ниёгон дар Тоҷикистон» заминаҳои таърихии илми шарқшиносӣ ва таълими алифбои ниёгон, китобҳои дарсӣ оид ба омӯзиши алифбои ниёгон ва методикаи таълими он, тахаввулоти сиёсӣ ва фарҳангӣ дар солҳои аввали истиқлолият ва омилҳои рушди таълими алифбои ниёгон, ивазшавии барномаи таълими алифбои ниёгон барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, воридкунии тағирот ба барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии алифбои ниёгон дар давраи навин, таҳлили стандарт, барнома ва китобҳои дарсии Алифбо ва матни ниёгон ва масъалаи гузариш ба алифбои ниёгон мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия «Масъалаҳои умдаи таълими Алифбо ва матни ниёгон бо истифода аз роҳу усулҳои инноватсионӣ», дар мавзуи таҳлили таҳқиқоти илмиву методии муҳаққиқон оид ба масъалаҳои методикаи таълими забонҳо, масъалаҳои умумии таълими ҳарфу овозҳо, тартиби омӯзиши ҳарфҳои арабиасос, методҳои таълими ҳарфҳои бисёрвазифа, паҳлуҳои дигари таълими алифбо, методҳои таълими қоидаҳои имло, қоидаҳои имло вобаста ба ҳарфҳои ҷудогона ва ба сохтори калимаҳою ибораҳо, имлои калимаҳои иқтибосӣ бо алифбои ниёгон андешаҳо ва хулосаву пешниҳодҳо оварда шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия доир ба «Такмили таълими Алифбо ва матни ниёгон дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим» фанни Алифбо ва матни ниёгон дар байни фанҳои таълимӣ, натиҷаҳои раванди таълими Алифбо ва матни ниёгон дар синфи 7 ва 8-ум ва тавсияҳо барои омӯзгорон дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим, аҳамияту мавқеи воситаҳои аёнӣ дар баланд бардоштани сифати таълим ва сатҳи дониши хонандагон, татбиқи муносибати босалоҳият дар омӯзиши фанни Алифбо ва матни ниёгон таҳқиқоти доирнамуда инъикос гардидааст.

Дар матни автореферат дар қисмати бо забони тоҷикӣ як-ду эрод ба назар мерасад:

1. Баъзе калимаҳое, ки дар забони тоҷикӣ камистифодаанд ҷо-ҷо ба чашм мерасад, дар услуби илмӣ истифода намешавад.

2. Дар матни забони тоҷкии автореферат баъзе қоидаҳои имлои нав ва аломатҳои китобатии забони тоҷикӣ риоя нашудааст.

Эродҳои пешниҳодшуда ба арзиш ва аҳамияти илмии диссертатсия бетаъсир мебошад.

Автореферати диссертатсияи Исматов Сулаймон Бобомуродич дар мавзуи"Методҳои инноватсионии таълими Алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим" аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот) (13.00.02.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) ба талаботҳои автореферат мувофиқ аст.

Номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи педагогика,
психология ва методикаи таълимии
Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон Рустамова Г. А.

Суроғa: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Почтаи электронӣ: gulbahor_i@mail.ru
Телефони мобилӣ: 901-70-75-55.

Имзои Рустамова Г. А. тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои ДСРТ Раҳимов А. А.